**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**_________ Абдуалимзода Ҳ.А.**
**«_02_» _октябри_ 2024 сол**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

**1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Мирзозода Шаҳло Ҷума дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №15 тасдиқ шудааст, ки ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсия ба сархати 9 Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, № 503 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**2. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Рисола ва масъалаҳои дар доираи он баррасишуда аз нигоҳи умумии назариявӣ ва амалӣ, барои ҳар як давлати муосир, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳим мебошад. Мавзуи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ яъне рафтори ҳуқуқии субъектоне, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва омилҳое, ки ба маромноки онҳо мусоидат менамояд бахшида шуда, дар он заминаҳои

назариявӣ–ҳуқуқии маромнокии рафтори ҳуқуқии субъектони ҳуқуқро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Бояд қайд кард, бунёди давлатӣ демокративу ҳуқуқбунёд ва барпо намудани ҷомеаи адолатпарвар бе таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ки муҳтавои онҳоро рафтори ҳуқуқӣ ташкил медиҳад, ғайриимконпазир мебошад. Аз ин рӯ, омӯхтани омилҳои маромнокии рафтори ҳуқуқии субъектони ҳуқуқ зарур ва саривақт мебошад. Аз ин нукта диссертатсияи Ш.Ҷ. Мирзозода дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон» ҳам аз нигоҳи назарияи илмӣ ҳуқуқшиносӣ, ҳам аз нигоҳи амалияи ҳуқуқӣ мубрам мебошад.

Ҳамчунин, тазаккур бояд дод, масъалаи маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон мавриди таҳлил ва таҳқиқи амиқи илмӣ нагирифтааст. Таҳқиқоти диссертатсионии Ш.Ҷ. Мирзозода дар мавзуи болозикр бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон пажуҳиши ҳамаҷониба шудааст. Муаллиф норасоиҳо, холигиҳо ва мушкилоти самти мазкурро муайян намуда, бобати рушди маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон андешаҳои асосноки илмиро таҳия ва пешниҳод кардааст. Бартарии бешубҳаи асар дар он аст, ки он дар заминаи назариявӣ ва амалӣ навишта шудааст, ки он махсусан ҳангоми таҳқиқи ин гуна мавзуҳо муҳим аст.

Нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва сохтори таркибии он маҷмуи саволҳоро дар бар мегирад, ки барои ҳалли масъалаи мавриди омӯзиш зарур мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки дар доираи ду боб ва шаш зербоб моҳияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра муҳокима ва ошкор намояд.

Дар боби аввал – Мафҳуми ва аломатҳои асосии рафтори ҳуқуқӣ, муаллиф мафҳум ва таснифоти маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ, омилҳои маромнокии рафтори ҳуқуқиро мавриди баррасӣ карор дода, ба андешаи мо онҳоро моҳирона ҳаллу фасл намудааст. Диссертант таносуби мафҳумҳои рафтори ҳуқуқиро дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ба монанди ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ ва дигарҳо ҳаматарфа мавриди таҳлил қарор дода, таносуби байни онҳоро дуруст ҳал намудааст (с. 21-22).

Ҳамчунин, диссертант дар кори худ таносуби мафҳумҳои «рафтори ҳуқуқӣ» ва «фаъолнокии ҳуқуқӣ» -ро самараноку зарурӣ ҳал кардааст.

Дар боби дуюм – заминаҳои ҳуқуқии назариявии маромнокии рафтори ҳуқуқӣ, муаллиф мафҳумҳо ва нақши ангеза дар маромнокии рафтори ҳуқуқӣ, аҳамияти маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, аҳамияти тарбияи ҳуқуқӣ ва маърифатӣ дар раванди ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва тадбирҳои пешгирии рафтори ғайриҳуқуқии шахсро таҳлил кардааст.

Умуман, таҳқиқоти диссертатсионии Ш.Ҷ. Мирзозода бисёр маводҳои назариявӣ-ҳуқуқиро дарбар мегиранд, ки барои дарки хусусиятҳои ҷараёни маромнокии рафтори ҳуқуқии инсонро аҳамияти калон доранд. Хулоса ва тавсияҳои муаллифи диссертатсия асоснок буда, сазовори баҳои мусбӣ мебошанд. Руйхати адабиёти диссертатсия ҷалби доираи васеи адабиёти илмӣ ва маводи амалиро дар раванди таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

**3 Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ.** Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Нововарии илмиро интихоби мавзуъ, равиши таҳлили он бо назардошти баррасии масъалаҳои баҳсталаб муайян мекунад.

Аз ҷумла, дар доираи корҳо дар илми ҳуқуқи ватанӣ бори нахуст барои таҳияи намунавии оптималии назариявию ҳуқуқӣ кӯшиш карда шуд, ки дар он мафҳуми падидаи маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва ғайри ҳуқуқии инсон, сохтори он, намуд ва хусусиятҳо, инчунин, ангезаи он дар сатҳи монография ҳамаҷониба ва мунтазам таҳқиқ карда шавад. Инчунин, навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он аввалин пажӯҳиши илмии мукаммали масъалаи маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносии ватанӣ дониста мешавад. Муаллиф дар таҳқиқоти худ оид ба мафҳум, намудҳо, хусусиятҳо ва шаклҳои муҳими маромнокӣ дар рафтори ҳуқуқӣ андешаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок пешниҳод кардааст, ки навгонии тадқиқоти рисоларо ташкил медиҳанд.

Дуруст қайд мекунад диссертант, пешниҳодҳо барои дифоъ пешниҳодшуда навоварии ин таҳлилро инъикос мекунанд, ки дар инҳо ифода мегардад:

– маромнокиро дар рафтори ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ таснифоти он аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардаё шудааст;

– омилҳои ташаккули рафтори ҳуқуқӣ омӯхта шудаанд;

– нақши ангеза дар рафтори ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст;

– аҳамияти рафтори ҳуқуқӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст;

– аҳамияти тарбияи ҳуқуқӣ дар рафтори ҳуқуқӣ таҳлил карда мешавад;

– тадбирҳои пешгирии рафтори ғайриқонунии инсон баррасӣ гардида, заминаи ҳуқуқӣ ва субъектҳо муайян карда мешаванд (с. 11-12).

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур гардидаанд, башорат аз навгонӣ ва сатҳи амиқи таҳқиқот медиҳанд, ки ҳамагӣ баҳри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, махсусан ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати санадҳои қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ назаррас мебошанд.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Мундариҷаи кори илмӣ аз он дарак медиҳад, ки муаллиф тавонистааст микдори зиёди маводи илмиро дар мавзуъ таҳлил кунад, ки ин ҳадафи асосиашро ташкил медиҳад. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф бо ин мақсад на танҳо асосҳои назариявӣ ва амалии маромнокии рафтори ҳуқуқии инсонро баррасӣ намудааст, балки заминаҳои тадбирҳои пешгирии рафтори ғайриҳуқуқии шахсро низ таҳлил кардааст (с. 154-167),

ки барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат менамояд ва ҳамбастагии ин падидаҳои ҳуқуқиро инъикос мекунад.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Хулоса ва пешниходҳо оид ба диссертатсия бешубҳа арзиши илмӣ дошта, муаллиф мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комплексӣ бо дарназардошти вазъи имрӯзи рушди низоми қонунгузории ҷумҳурӣ ҳақиқатнигорона дар доираи манфиати давлати миллӣ ва рушди фаъолияти қонунгузории касбӣ баррасӣ намудааст. Аҳамияти назариявии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои назариявии дар он ифодаёфта чунин фаслҳои назарияи умумии ҳуқуқ ва психологияи ҳуқукро пурра мекунанд, аз қабили «Заминаҳои ҳуқуқӣ ва сотсиологии назарияи ангеза», «Мафҳумҳо ва нақши ангеза дар маромнокӣ», «Муқаррароти асосии назарияи ангеза», «Маромнокии ҷиноятӣ», «Мафҳумҳо ва ҷанбаҳои назариявии ташаккули ангезаи ҷиноятӣ», «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии ангезаи ҷиноятӣ», «Мафҳумҳо ва хусусиятҳои асосии рафтори ҳуқуқӣ», «Таснифи намудҳо ва ангезаҳои рафтори ҳуқуқӣ», «Омилҳои рафтори ҳуқуқӣ ва ҳавасмандгардонии самаранокии ҳуқуқии субъектҳо». Пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки дар тадқиқот кушиши маҷмуии омӯзиши масъалаи моҳият ва мазмуни раванди ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ ва натиҷаҳои он барои дарк ва таҳлили минбаъдаи илмию назариявии ин мушкилот, ба роҳ монда шудааст. Ҷамъбаст, таҳлил ва дарки нави назариявии масъалаҳои проблемавии дар рисола баррасишуда арзиши назариявии тадқиқотро муайян мекунанд.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявӣ ва амалии мафҳумҳои ба мавзуи мазкур рабтдошта, тавзеҳ дода шаванд ва дар такмили раванди қонунгузории касбӣ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин соҳа дар илми

ҳуқуқшиносии ватанӣ мавҷудбударо пур менамоянд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот низ дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар он ифодаёфта метавонанд дар рафти такмили минбаъдаи механизми ташаккули маромнокии рафтори ҳуқуқӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва фаъолияти субъектҳои таъсиррасонӣ истифода шаванд (мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ).

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Ш.Ҷ. Мирзозода дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи ӯ пешниҳод менамоем.

1. Дар нуқтаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Муаллиф иброз медорад, ки “маромнокии рафтори ғайриҳуқуқӣ рафторе мебошад, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқат накарда, ҳуқуқҳои субъективиро поймол мекунад. Ин пешниҳод дар асл дар худ навгонӣ надорад. Ин пешниҳод дар умум мафҳуми рафтори зиддиҳуқуқиро инъикос менамояд. Муаллиф бо илова намудани калимаи маромноки мафҳуми рафтори зиддиҳуқуқиро пешниҳод намудааст.

2. Дар муқаррароти сеюми нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки барои дифоъ пешниҳод шудааст, ихтилофот мавҷуд аст. Муаллифи рисола мегӯяд, ки рафтори ҳуқуқӣ вобаста ба шакли амалӣ дар шакли амал ё беамалӣ зоҳир мешавад. Дар баробари ин, дар он гуфта мешавад, ки ба сифати ҳуқуқӣ танҳо амалҳои эътиборнок бояд ҳисобида шаванд (с. 13). Аз ин рӯ, мехостем шарҳи муаллифро дар бораи ин изҳорот дар ҷараёни дифоъи рисола бишнавем.

3. Мавқеи диссертант оид ба мафҳуми маромнокӣ ба рафтори ҳуқуқӣ, ки мушкилоти сарчашмаҳои фаъолнокии ҳуқуқӣ масъалаи ҳавасмандии рафтори ҳуқуқиро, дар бораи он ки чаро одамон умуман ба қонун риоя мекунанд ва меъёрҳои ҳуқукро вайрон намекунанд, ба миён меорад (с. 37) баҳснок мебошад. Савол ба миён меояд, ки тибқи таърифи пешниҳодшуда, агар ангезаи рафтори ҳуқуқӣ ба вайрон кардани қонун ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат кунад, чӣ гуна он метавонад ҳуқуқӣ бошад?

4. Дар матни диссертатсия ҳолатҳои ба ҳам мувофиқ наомадани матни тоҷикии автореферат бо матни русии он ба мушоҳида мерасад. Масалан, нуқтаи сеюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба нуқтаи мазкури матни русӣ мувофиқ нест. Агар дар матни автороферат истилоҳи "маромнокии рафтори ҳуқуқӣ" дида шавад, пас дар матни русӣ вай дида намешавад.

Эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундаричаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ва маводи нашрнамудаи муаллиф ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пурра мутобиқат дошта, хулоса ва мазмуни мухтасари таҳқиқоти муаллиф оид ба мавзӯи мазкур мебошанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Диссертант муаллифи 5 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои маромнокии рафтори ҳуқуқии инсон бахшида шудаанд. Аз ин теъдоди асарҳои илмӣ, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Ҳамчунин, муқарраротi асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ инъикос ёфтаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводҳои чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Автореферат ва асарҳои илмие, ки муаллифи диссертатсия нашр кардааст, мазмуни рисоларо пурра инъикос мекунад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Мирзозода Ш.Ҷ. ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниход шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**4. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Аз омузиши матни диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгу мебошад. Зеро, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ба монанди назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи инсон ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда метавонад. Дар маҷмуъ пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, хулоса ва тавсияҳо метавонанд ҳангоми таҳия лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектони ҳуқуқэҷодкунанда истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқ, курсҳои махсус ва диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати кори Ш.Ҷ. Мирзозодаро нишон медиҳанд.

Дар умум, Мирзозода Шаҳло Ҷума барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 -Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор мебошад.

Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти банди 79 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ - назариявӣ таҳти № 3 аз 26 сентябр соли 2024.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Ҳаитов С.П. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Суратмаҷлиси кафедра таҳти № аз 2 сентябри соли 2024.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Бобозода Ҷ. Қ.

Ташхисгар:
н.и.ҳ. дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ҳаитов С.П.

Котиби ҷаласа:
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳомидов Р. А.

Имзои Бобозода Ҷ.Қ., Ҳаитов С.П.
ва котиби ҷаласа Ҳомидов Р.А -ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М. А.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14

01. 10. 2024